

# Садои мардум

№10 (4906)

ЧОРШАНБЕ,
22 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон


**21-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳайати роҳбарикунандаи Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи телевизион ва радио ва як қатор муассисаҳои зертобеи Кумитаи телевизион ва радио, агентиҳои хизмати давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Хадамоти иҷро, Донишгоҳи давлатии тиббӣ, Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайн тағйироти кадрӣ ба амал бароварданд.**



# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Шермуҳаммад Шоҳиён, аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Мирзозода Рустам Пираҳмад, аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Хайриддинзода Азизбек бо сабаби ба кори дигар гузаштан, аз вазифаи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Исҳоқӣ Амирхон Нусратулло ва аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азиззода Шодмони Шамс бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан ва дар бораи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Рустам Пираҳмад ирсол гардид.

Роҳбарони якчанд вазорату кумитаҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби расидан ба синни нафақа аз вазифа озод шуда, кадрҳои ҷавону соҳибтаҷриба ва забондону соҳибтахассус ба вазифаҳои масъулу роҳбарикунанда таъин гардиданд.

Зимни суҳбат Пешвои миллат вазъи кунунӣ ва дурнамои соҳаҳои зикргардидаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намуда, ба кадрҳое, ки ба вазифаҳои роҳбарӣ дар вазорату идораҳои давлатӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, доир ба кору хизмати содиқонаю софдилона ба нафъи Ватан ва мардуми Тоҷикистон дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки дар фаъолияти роҳбарӣ ба таъмини адолати судӣ ва волоияти қонун дар ҷомеа, тарғибу ташвиқи фарҳанги волои миллӣ тавассути телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма, тарбияи кадрҳои ҷавону варзидаи забондону кордон, аз ҷумла дар соҳаи фарҳангу рӯзноманигорӣ, омодасозии варзишгарони сатҳи ҷаҳонӣ дар навъҳои миллию олимпии варзиш ва ҳамчунин, ба истифодаи босамару ҳадафманди маблағҳои буҷетӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

---

**www.prezident.tj**

## ҚАРОРИ
## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тибқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 феврали соли 2025, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе баргузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 17 январи соли 2025, №45**

## ҚАРОРИ
## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 3 феврали соли 2025, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 17 январи соли 2025, №46**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳасанзода Г.К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №916**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Маҳмудзода Н.Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Маҳмудзода Насрулло Раҳматҷон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №917**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҷабалӣ Раҳмоналӣ**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҷабалӣ Раҳмоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №918**

## ИТТИЛОИЯ

Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии ҳисоботи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» , «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

# ВАРЗИШ-2024. СОЛИ РАНГИНУ ХОТИРМОН БУД

**Варзишгарони қавиазми ҷумҳурӣ соли 2024 аз бозиҳои гуногуни варзишии сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо дастовардҳо баргаштанд. Ба шарофати пирӯзии онҳо Парчами давлатии Тоҷикистон борҳо берун аз кишвар барафрохтаю Суруди Миллӣ taninандоз гашт.**

Давоми соли 2024 Тоҷикистон, ҳамчунин, мизбони мусобиқаҳои гуногуни сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ буд. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ доир шуд, ки дар он беш аз 200 варзишгар аз 63 давлати ҷаҳон иштирок намуданд. Фонди ҷоизавии чемпионат 400 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медод.

Нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини ҷудо байни ҷавонон моҳи октябр




дар шаҳри Душанбе 531 варзишгари то 21-соларо (290 мард, 241 зан) аз 67 давлати ҷаҳон ба ҳам овард.

Барои мо Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024 низ ёдмон аст. Он дар таърихи варзиши тоҷик саҳифаи наверо варақ зад. Тоҷикистонро дар ин чорабинии бонуфуз фарзандони диловараш шоиста муаррифӣ карданд. Аз миёни варзишгарони мо Темур Раҳимов (ҷудо), Давлат Болтаев (бокс), Сомон Маҳмадбеков (ҷудо) зафарманд шуданд. Мардуми тоҷик фарзандони диловарашро сазовор истиқбол намуданд.

Пешвои миллат, Президенти Кумитаи миллии олимпии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷоизадоронро, ки бо медалҳои биринҷӣ ба Ватан баргаштанд, бо нишони қадршиносӣ ба ҳузур пазируфтанд.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии намояндагони соҳаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ғолибон бо ордени «Шараф» дараҷаи II сарфароз шуданд. Ба ҷоизадорон, ҳамчунин, калиди хонаҳо тақдим гардид, ки дар ин хусус қарори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расид. Зимнан, Сомон Маҳмадбеков аз Чемпионати ҷаҳон низ (дар шаҳри Абудабии Амороти Муттаҳидаи Араб дар риштаи ҷудо то 81 кг) бо медали биринҷӣ ба Ватан баргашт.

Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон ҷоизадорони Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024-ро аз зумраи даҳ варзишгари беҳтарини соли 2024 эълон намуд.

Узви дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба ҷудо Эмомалӣ Нуралӣ дар фароварди сол аз мусобиқаи байналмилалии «Russian judo tour» боз ҳам ба хазинаи варзиши кишвар медали тиллоӣ афзуд. Ин медали дуюми зарандуди варзишгари номвари тоҷик дар соли 2024 маҳсуб меёбад. Дар мусобиқаи байналмилалии «Tashkent Grand Slam - 2024», ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир гашт, медали тилло ба даст оварда буд. Исми ӯ низ дар рӯйхати даҳ варзишгари беҳтарини соли 2024 шомил аст.

Ҳамтоёни онҳо дар ин самт (бар асоси натиҷагирии Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон ба даҳгонаи беҳтаринҳои сол намояндагони чор навъи варзиш - бокс, ҷудо, гӯштини озод ва самбо дохил шуданд) инҳоянд:

Абдулмаҷид Кудиев (гӯштини озод) - барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Тиранаи Албания дар вазни то 70 кг, Акмал Убайдов (бокс) - барандаи медали тиллои Чемпионати Осиё дар шаҳри Чиангмайи Тайланд дар вазни то 60 кг, Виктор Рассадин (гӯштини озод) - барандаи медали нуқраи Чемпионати Осиё дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон дар вазни то 74 кг, Парвиз Каримов (бокс) - барандаи медали нуқраи Чемпионати Осиё дар шаҳри Чиангмайи Тайланд дар вазни то 92 кг, Муҳаммадсолеҳ Қувватов ( ҷудо) - барандаи медали тиллои «Dushanbe Grand Slam - 2024» дар вазни то 60 кг, Сорбон Латифов (самбо) - барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дар вазни то 64 кг.

Паҳлавони шинохтаи тоҷик Шакармамад Мирмамадов (дар вазни +100 кг) аз Чемпионати 13-уми Осиё оид ба гӯштини кураш, ки дар он 200 варзишгар аз 20 давлати қора иштирок дошт, ба гирифтани медали тилло мушарраф шуд. Дар чемпионати мазкур Мирзоҷамил Рамазонов (то 73 кг) медали нуқра, Раҳматуллобек Фарҳодов (то 81 кг) Умар Расулов (то 90 кг) ва Фирдавс Насимов ( то 100 кг) медалҳои биринҷиро ба даст оварданд.

Дастоварди варзишгарони навраси кишвар низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Сомон Турсунзода аз мусобиқаи байналмилалии оид ба гӯштини ҷудо байни наврасон - «Tashkent open judo kids cup ii», ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, дар вазни 26 кг бо шикаст додани 6 рақиб аз давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Озарбойҷон мақоми сеюмро соҳиб шуд. Дар ин мусибиқа 800 варзишгар аз 8 давлат иштирок ва байни ҳам рақобат карданд. Ӯ моҳи апрели соли 2024 дар Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини ҷудо «Dzyudo Termiz Open - 2024» дар шаҳри Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мағлуб намудани рақибон аз Қазоқистон ва Ӯзбекистон сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид.

Варзишгарони наврас аз Чемпионати Осиё оид ба бокс байни наврасон ва мактаббачагон, ки дар шаҳри Ал-Айни Амороти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, бо дастовез - 4 медали тилло, 1 нуқра ва 6 биринҷӣ баргаштанд. Дар ин мусобиқа аз Тоҷикистон Анӯшервон Сиддиқов (33 кг) ва Акбарҷон Абдуллоев (58 кг) ба гирифтани медалҳои тилло шарафёб гардиданд. Дилшод Сиҷаев (35 кг) медали биринҷӣ ва Фирӯзҷон Бойматов (37 кг) медали нуқра ба даст оварданд.

Байни наврасон Фариноз Абдуллоева (54 кг) ва Билолҷон Иксанов (54 кг) медалҳои тиллоро соҳиб шуданд. Мино Азамзода (60 кг), Амирбек Маҳрамов (52 кг), Абубакр Азизов (57 кг), Сорбон Нурализода (66 кг) ва Умарҷон Асроров (63 кг) медалҳои биринҷӣ ба даст оварданд.

Дар маҷмуъ, варзишгарони мо аз мусобиқаҳои минтақавию ҷаҳонӣ 448 медал - 134 тилло, 108 нуқра ва 206 медали




биринҷӣ ба даст оварда, соли 2024-умро дар таърихи варзиши ҷумҳуриамон хотирмону рангин гардонданд.

---

**Ф. ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҷабзода М.Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҷабзода Муродалӣ Раҷаб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №919**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатов Ҷ.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №920**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Холмаҳмадзода С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Холмаҳмадзода Солеҳа вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №921**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Идрисзода И.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Идрисзода Илёс Мумин директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №922**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҷабзода М.Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҷабзода Муродалӣ Раҷаб муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №923**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳалимзод Абдураҳмон Достӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №АП-723**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғанизода Шӯҳрат Абдулмаҷид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 21 январи соли 2025, №АП-724**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №32, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Каримзода Шараф**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Каримзода Шараф бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №33, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Қиёмиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №34, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Назарзода Рустам**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назарзода Рустам бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №35, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Саид Н.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саид Нуриддин Саид бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №36, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Муҳаммадҷонзода О.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №37, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳматуллозода С.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №38, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдуллозода У.Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Умеда Бегмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №39, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» озод намудани Саидзода Н.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Носир Озод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №40, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода Д.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Дилмурод Ашурбек бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №41, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Саидвализода Б.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидвализода Барно Саиднабӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №42,ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдуллозода А.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Аҳтам Рустам бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №43, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» озод намудани Гулзода М.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №44, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов озод намудани Абдуллозода М.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Муҳаммадшо Мирзохон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №45, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон» озод намудани Ғанизода Ҷ.Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №46, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» озод намудани Шамсуддинзода С.З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шамсуддинзода Садриддин Зайниддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №47, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» озод намудани Азизов К.Э.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Азизов Каримҷон Эшонович бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №48, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Лангарӣ Ҷ.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Лангарӣ Ҷамила Салмон бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №49, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Аҳмадзода Д.Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №50, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҷабалӣ Раҳмоналӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҷабалӣ Раҳмоналӣ раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №51, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидзода Н.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Носир Озод раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №52, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳматуллозода С.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №53, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳалимзод А.Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳалимзод Абдураҳмон Достӣ директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №54, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» таъин намудани Шамсуддинзода С.З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шамсуддинзода Садриддин Зайниддин директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №55, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» таъин намудани Соҳибназари М.Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Соҳибназари Муҳаммади Ғоиб директори Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №56, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» таъин намудани Зокирзода М.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зокирзода Маҳмадёқуб Раҷабалӣ муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №57, ш. Душанбе**

**Дар бораи сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Абдуллозода А.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Аҳтам Рустам сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №58, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» таъин намудани Муҳиддин Н.Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муҳиддин Нуриддин Давлаталӣ ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №59, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон» таъин намудани Ҷурахонзода С.Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷурахонзода Сироҷиддин Шамсулло ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №60, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъин намудани Иброҳимзода А.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Иброҳимзода Амир Мудин ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 21 январи соли 2025, №61, ш. Душанбе**

**Дар бораи сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Л.Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Лутфия Шариф сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

БА ТАВАҶҶӮҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426907 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Нақлиёти барқӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.02.2025 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус (РЯМ 0930181212), ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Шодмонов Ҳуснидддин додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т- АТУ №0523906, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Шокиров Бахтовар Муҳамаднносирович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Тимуров Шуҳрат Рустамович (РМА 046038011) додааст, эътибор надоранд.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 20 декабри соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Қаротегин, ҳавлии 89, ба Муродова Ҳавзан додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 71/1, хонаи 8, ба Фомина Римма Васильевна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 71/1, хонаи 8, ба Фомина Римма Васильевна додааст, эътибор надорад.

✓Манзилнома (ордер)-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷрои шурои вакилони халқи шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 71/1, хонаи 8, ба Фомина Римма Васильевна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Улуғбеков, хонаи 77, ба Нивозов Муқим Дустмамадович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДМД №0110781-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 2018 бо қайди 1962 ба Қосимова Амина Иброҳимовна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи гумшудаи имтиҳонӣ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон соли 2022 ба Азимова Шаҳноза Абдуғафоровна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 7879 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Путовский (ҳоло Н. Махсум), бинои 105/4, хонаи 29, ба Насрдинова Бунавша Судуровна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдии Шерозӣ, бинои 19, хонаи 34, ба Раҳматуллоев Бобошо Шоҳсафарович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур 24 сентябри соли 2024 таҳти феҳрасти №9-6816 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Убайди Зоконӣ, хонаи 4, ба Насридинов Баҳрулло Файзидинович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0231382, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2021 таҳти қайди 5685, ба Сафарова Саҳобат Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Пахтаи Осиё» (РЯМ 310009169), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон бо суроғаи ҷамоати деҳоти Қизилқалъа, деҳаи Сарбанд, ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

## (КОНСАЛТИНГОВЫЕ УСЛУГИ ОТБОР ФИРМ) РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН ПРОЕКТ «ПОВЫШЕНИЕ ГОТОВНОСТИ И УСТОЙЧИВОСТИ К БЕДСТВИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ»

№ Гранта МАР (Международная Ассоциация Развития): № D9780-TJ

**Название задания: Консультант по строительному надзору «Капитальный ремонт зданий и сооружений наблюдательного пункта и спортивного зала в учебном центре КЧС и ГО в Каратаге»**

**Номер ссылки** (согласно Плана закупок): COE/TPRDP/CQS-14

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия стоимости проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намеревается покрыть часть расходов на консультационные услуги.

Проект расположен в ущелье Каратаг Шахринавском районе Республики Таджикистан. Шахринавский район расположен в западной части Таджикистана, недалеко от границы с Узбекистаном, и находится под юрисдикцией районов республиканского подчинения. Характеризующийся горным рельефом и живописными ландшафтами, район находится к западу от столицы Душанбе. Район доступен по дороге из Душанбе и известен в первую очередь своей сельскохозяйственной деятельностью, а также местным туризмом из-за своей природной красоты, расстояние от города Душанбе до Шахринавского района составляет 47,5 км.

**Цели задания**

Задачи инженера по надзору за ходом строительных работ состоят из следующего:

a) осуществлять надзор за строительными работами на всем протяжении строительства с целью обеспечения выполнения работ в соответствии с проектами и спецификациями;

b) проверять сметные документы и акты выполненных работ на соответствие цен на материалы и работы рыночным ценам на период строительства;

c) проверять соответствие объемов выполненных работ объемам, указанным в акте выполненных работ;

d) проверять соответствие фактически использованных материалов указанным в смете;

e) осуществлять надзор за качеством и технологией выполнения строительно-монтажных работ, их соответствием строительным нормам и правилам, другой нормативной документации;

f) осуществлять надзор за соблюдением подрядчиком правил хранения и складирования применяемых материалов, изделий и оборудования;

g) осуществлять надзор за соответствием строительно-монтажных работ требованиям проекта;

h) осуществлять от имени заказчика технический надзор за выполнением строительно-монтажных работ и приемкой законченных объектов у подрядных строительных организаций;

i) контролировать выполнение планов капитального строительства, соответствие объемов, сроков и качества строительно-монтажных работ, а также качество используемых материалов, изделий, конструкций утвержденной проектно-сметной документации, рабочим чертежам, строительным нормам по охране труда и технике безопасности;

j) фиксировать и выявлять объемы незавершенных работ и выявленные недостатки, такие как недостаточный или отсутствующий защитный слой бетона в узлах крепления (армирования) конструктивных элементов (например, колонн, стен и т. д.), и включает детали/чертежи ремонтных работ, объемы и новые цены на каждый блок со ссылкой на международно-признанные соответствующие технические условия на работы Подрядчика;

k) изучать и рассматривать детальную архитектурную планировку и дизайн всего интерьера, включая все отделочные материалы и освещение, а также все специальные приспособления и арматуру в интерьере, и комментирует с Подрядчиком любые корректировки, улучшения и/или изменения, требуемые проектом;

l) обязан соблюдать и контролировать требования разрешительных документов, связанных с социальной и экологической защитой, в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан.

m) соблюдение правил хранения, контроль за правильностью оформления строительной документации, соблюдение сроков на всех этапах строительства, устранение отставаний от календарного плана;

n) после завершения строительных работ подготовка объекта и необходимых документов по выполненным строительным работам, для представления в Рабочую комиссию и Государственную приемочную комиссию в соответствии с утвержденным требованием.

Продолжительность консультационного задания составляет 6 месяцев.

**Подробное техническое задание (ТЗ) можно найти по ссылке:**

https://cloud.mail.ru/public/dZSk/FhEFFzQZU

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» КЧС и ГО приглашает соответствующие консалтинговые фирмы («Консультанты») выразить свою заинтересованность в предоставлении услуг. Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг.

**Квалификационные требования к консультанту (НПО/ОГО):**

i. Не менее 10 лет опыта работы по оказанию консультационных услуг в области технического надзора за строительством зданий и сооружений и других объектов инфраструктуры,

ii. Опыт выполнения аналогичных заданий для государственных, частных и международных/донорских организаций;

iii. Опыт работы в программах и проектах в Таджикистане, СНГ, Центральной Азии будет дополнительным преимуществом;

iv. Хорошее знание местных правил и условий, а также опыт взаимодействия с различными уровнями власти и сообществами в области архитектуры и строительства;

v. Наличие опытных сотрудников/специалистов в области проектирования, архитектуры, строительства, водоснабжения и т. д.

Ключевые эксперты не будут оцениваться на этапе составления короткого списка.

Внимание заинтересованных консультантов обращается на пункты 3.14, 3.16 и 3.17 Раздела III «Правил закупок Всемирного банка для заемщиков в рамках финансирования инвестиционных проектов (IPF): Товары, работы, неконсультационные и консалтинговые услуги», июль 2016 года, (редакция от ноября 2020 года), («Правила Закупок»), устанавливающие политику Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультанты могут объединяться с другими фирмами для повышения своей квалификации, но должны четко указать, имеет ли ассоциация форму совместного предприятия и/или субконсультационной компании. В случае совместного предприятия все партнеры совместного предприятия несут солидарную ответственность по всему контракту, если они выбраны.

Консультант будет выбран в соответствии с методом «Отбор по квалификации консультанта» (CQS) в соответствии с «Правилами закупок» Всемирного банка.

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время, т. е. с понедельника по пятницу с 09:00 до 17:00 (время местное).

Выражение заинтересованности должно быть доставлено в письменной форме по указанному ниже адресу (лично, по почте, по факсу или по электронной почте) **до 17:00 часов 03 февраля 2025 года.**

Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО).

Внимание: Сулаймон Исозода, Директор проекта

улица Лохути 26, 734013, г. Душанбе, Республика Таджикистан.

Тел.: +(992 -37) 221-91-19,

Факс: +(992 -37) 223-13-11.

Мобильный: + (992) 880-00-28-28.

Эл.почта: coordinator@coescd.tj


# АЗ ФАРБЕҲӢ АЗИЯТ МЕКАШЕД?

**Чӣ гуна аз вазни зиёдатӣ халос шуданро намедонед?**

**ПАС, ШИТОБЕД!**

Бо нархи арзон метавонед аз дорухонаҳо дастрас намоед.

Фитомаҷмуи **«Камак-камак»** фарбеҳиро рафъ сохта, иштиҳоро кам гардонида, шикамро ба андозаи пештараш бармегардонад.

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

***Истеҳсолкунанда Россия.***




# «ДОКТОР ДЖОН»

***ШУМОРО ГОҲ СУЛФАВУ ГОҲ ХОРИШУ ДАРДИ ГУЛӮ НОРОҲАТ МЕСОЗАД?***

**МУШКИЛЕ НЕСТ!**

Ҳатман қандакҳои **«Доктор Джон»**-ро аз дорухонаҳо харидорӣ намуда, онро бо худ гиред ё дар киса гузошта гардед. Дар лаҳзаҳои лозимӣ барои хӯрдани он ба шумо кофтани об, пиёла ё сачоқча лозим намешавад. Ҳатто ба ёру коргарону шиносонатон дар ҳолати сулфа, хориш ё дарди гулӯ ва атса заданашон метавонед бо **«Доктор Джон»** ёрирасон бошед.




Таркиб: решаи ҳаққонии «солодки» бо равғани филтршудаи эвкалипт.

Таваҷҷуҳ: **«Доктор Джон»** рангаш сурх буда, бо қаланфур омехта шудааст. Он ба шахсоне, ки дӯстдори таъми тез ҳастанд, тавсия мешавад.

***Истеҳсолкунанда НПВ «Вулкан», Россия.***

# ПОПУЛИН

**– ДАВОИ СУЛФАИ ДУРУДАРОЗ**

**ПОПУЛИН** воситаи камназир ҷиҳати табобати бемориҳои шадиди сироятии роҳи нафас, сулфаи дурударозу сабабаш номаълум ва ҳамчунин, паразитӣ буда, барои пешгирии бемориҳои талхадон, никрис, тарбод ва ҳатто сил тавсия мешавад. **ПОПУЛИН** таъсири бештару безарар дошта, барои ҷигар низ манфиатбахш аст. Ҳарорати баландро муътадил намуда, фаъолияти меъдаву рӯда ва хунукиҳои кӯҳнаи музминро аз байн мебарад.



**Тарзи истеъмол:** як қошуқча (5 г) даворо дар 100 мл. об нағз омехта, дар вақти хӯрокхӯрӣ рӯзе 1 маротиба истеъмол кардан зарур аст.

**Муҳлати табобат: 30 рӯз.**

***Истеҳсолкунанда ООО «Биолит», Россия.***



Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 январи соли 2025, соати 11:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97